**ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ**

# Тоҷикистон воситаҳои рӯзгузаронӣ, инфрасохтор ва тобоварии ҷамоаҳоро бо маблағгузории иловагӣ аз ҳисоби Бонки ҷаҳонӣ вусъат мебахшад

**ВАШИНГТОН, 6 июни с. 2025** – Бонки ҷаҳонӣ маблағгузории иловагиро аз ҳисоби Ассотсиатсияи байналмилалии рушд (АБР) ба манфиати ҷамоаҳои маҳаллӣ, аз он ҷумла ҷавонон, занон ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, вилояти Хатлон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) тасдиқ намуд.

Грант дар ҳаҷми 25 миллион доллари ИМА имкон медиҳад то фаъолият дар доираи "Лоиҳаи таҳкими устувории иҷтимой-иқтисодии Тоҷикистон (ЛТУИИ)" вусъат дода шавад. Дар доираи лоиҳаи мазкур равиши ба иштироки ҷамоаҳои маҳаллӣ асосёфта бо мақсади беҳтар намудани идоракунии маҳаллӣ, такмили инфрасохтор ва вусъатдиҳии имкониятҳо барои пайдо намудани воситаҳои рӯзгузаронӣ дар ноҳия ва ҷамоатҳои (яъне, воҳиди маъмурии сатҳи деҳот) зерҳадафи кишвар, истифода мешавад.

Захираҳои иловагӣ барои иҷрои вазифаҳои афзалиятноки аз тарафи ҷамоаҳо муайянкардашуда, аз он ҷумла беҳсозии инфрасохтори тобовар ба тағйирёбии иқлим, масалан, барқарорсозии мактабҳо, дармонгоҳҳо ва шабакаҳои обрасонӣ, аз он ҷумла корбурди роҳҳалҳои алоқаманд бо манбаъҳои барқароршавандаи энергия нигаронида мешаванд. Лоиҳа инчунин омӯзишҳои бахшида ба рушди соҳибкорӣ ва бизнесро барои манфиатбарандагон дастгирӣ мекунад ва ба шахсони алоҳида, гуруҳҳо ва корхонаҳои ниҳоят хурд ва хурд (КНХХ) дар асоси арзёбии бозор ва нақшаҳои бизнес грантҳо ҷудо мекунад.

*«Иштироки ҷамоаҳо дар раванди банақшагирӣ ва қабули қарорҳо ба онҳо имкон медиҳад дар ҳалли мушкилиҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ саҳмгузор бошанд»,* қайд намуд **Вэй Винни Ванг, иҷрокунандаи вазифаи намояндаи доимии Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон**. *«Ин ҷузъи талошҳои нисбатан густурдаи Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ бо дастгирии Тоҷикистон мебошад, ки ба мардум кӯмак мерасонад ба ҷойҳои нави корӣ дастрасӣ пайдо намоянд, иншооти маҳаллӣ ва хизматрасониҳо беҳтар карда шаванд ва бо ин восита сатҳи зиндагӣ баланд бардошта шавад».*

Лоиҳаи ЛТУИИ бори нахуст 20 июни соли 2019 бо гранти АБР дар ҳаҷми 37 миллион доллари ИМА ба тасвиб расид ва аз тарафи Фонди миллии сармоягузориҳои иҷтимоии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Маблағгузории иловагӣ имкон медиҳад фарогирии равиши ЛТУИИ, ки ба сармоягузориҳо ва воситаҳои рӯзгузаронӣ дар сатҳи ҷамоаҳо асос ёфтааст ба ноҳияҳо ва ҷамоатҳои иловагӣ дар минтақаи таъсири лоиҳаи НБО Роғун ва ба ҷамоатҳои дигар манотиқи кишвар, ки дорои ҳиссаи зиёди аҳолии камбизоат мебошанд, густариш дода шавад.

Лоиҳа ҷамоатҳоро дар се ноҳия (ноҳияҳои Файзобод, Нуробод ва Данғара) ва ду шаҳр (шаҳрҳои Роғун ва Турсунзода) фаро мегирад, ки ба онҳо маҳалҳои аҳолинишин дар доираи марҳилаи дуюми муҳоҷиркунонии аҳолии минтақаи зериобмонии НБО Роғун дохил мешаванд. Кӯмак ба дигар ҷамоатҳои ин панҷ ноҳия низ расонида мешавад. Ғайр аз ин, дар доираи лоиҳа ҷамоатҳои ду ноҳияи иловагӣ (ноҳияи Қубодиён дар вилояти Хатлон ва ноҳияи Роштқалъа дар ВМКБ) дастгирӣ карда мешаванд.

Айни замон Бонки ҷаҳонӣ 26 лоиҳаро дар Тоҷикистон ба маблағи умумии 1,9 млрд. доллари ИМА маблағгузорӣ мекунад.

**ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ:** 2025/ECA/100

***Тамос:***
*Дар Душанбе:* Дилафрӯз Зоирова, + 992 48 701 5820, *dzoirova@worldbankgroup.org*

*Дар Вашингтон:* Кристофер Уолш, +1 (202) 473-4594, cwalsh@worldbankgroup.org

*Маълумоти иловагӣ дар бораи лоиҳаҳо ва фаъолияти Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон:*
*www.worldbank.org/tj*

Моро дар Facebook пайгирӣ намоед: https://www.facebook.com/WorldBankTajikistan
Хабарҳои навин тавассути Twitter: http://www.twitter.com/worldbankeca
Наворҳо дар YouTube: http://www.youtube.com/worldbank